Генерал - майор Гуломзода Абдулхошим Даврон, 16 июли соли 1974 дар шахри Душанбе дар оилаи хизматчӣ таввалуд шудааст. Милаташ точик мебошад. Соли 1993 ба Омӯзишгохи Олии харбии мухандисӣ-техникии шахри Омски Федератсияи Россия дохил шуда, онро соли 1998 бомуваффакият ба итмом расонидааст.



Давоми солхои 2002 ва 2004 шунавандаи Академияи Умумикӯшунии Куввахои Мусаллахи Федератсияи Россия буд.  Мавсуф аз соли 1999 то соли 2015 дар вазифахои пурмасъулият, аз чумла муаллими кафедраи Коллечи Олии харбии шахри Душанбе, муаллими калони кафедраи техникии кисми харбии 09001,  сардори кафедраи техникии Донишкадаи харбии Вазорати мудофиа, муовини сардори Донишкадаи харбии Вазорати мудофиа,  сардори Ситод-муовини командири кисми харбии 08010-и Кӯшунхои хушкигарди Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, командири кисми харбии 08010-и Кӯшунхои хушкигарди Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, сардори Ситод-муовини аввали командири кисми харбии 01972 Кӯшунхои хушкигарди Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, командири кисми харбии 01972-и Кӯшунхои хушкигарди Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон кор ва фаъолият намудааст.

Аз мохи январ то 24 ноябри соли 2015 дар вазифаи муовини Фармондехи Кӯшунхои хушкигард, оид ба омодагии чангӣ адои вазифа намудааст. 24 ноябри соли 2015 мутобики Карори Хукумати Чумхурии Точикистон генерал - майор  Гуломзода Абдулхошим Даврон, ба вазифаи муовини вазири мудофиаи Чумхурии Точикистон таъин гардид.

Хизматхои шоистаи генерал - майор Гуломзода Абдулхошим бо медали «Часорат», медалхои чашнӣ ва «Аълочии Кӯшунхои сархадии Чумхурии Точикистон» дарачаи 1 ва Ифтихорномахо кадрдонӣ гардидааст.